Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
*назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов 64/14*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи "Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз***

Амалигардонии стратегияи рушди устувори иқтисодиёт, равнақи соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди сектори аграрии кишвар, рушди иқтисодии минтақаҳои ҷумҳуриро бидуни сармоягузорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин радиф зикр кардан бамаврид аст, ки механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он яке аз самтҳои асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Фаъолияти сармоягузорӣ, чи дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва чи мавриди қабули қарорҳои мустақим оид ба онҳо на танҳо дар дараҷаи корхонаву ташкилотҳо, ширкату фондҳои сармоягузорӣ, балки дар сатҳи давлат ва сохторҳои ҳудудии идоракунии он мавриди таҳлилу омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор дода мешаванд. Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама дараҷаҳои номбурда бояд ончунон коркард ва амалӣ гардонида шаванд, ки натиҷаҳои онҳо ба сиёсати сармоягузории давлат мувофиқат намуда, ҳамзамон, самаранокии нақшаҳои стратегии давлатро дар бахши сармоягузорӣ таъмин карда тавонанд.

Муаллиф дар автореферати худ қайд мекунад, ки ба механизми молиявии идоракунии субъекти хоҷагидорӣ унсурҳои зерин дохил карда мешавад: усулҳои молиявию техникӣ, фишангҳои молиявӣ, ҳавасмандкунӣ, таҳримҳо, меъёрҳо ва қоидаҳо, консепсияҳо ва моделҳои идоракунӣ.

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни автореферат баррасишуда бармеоянд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти оянда аз аҳаммият холӣ нестанд.

1. Дар автореферат омилҳои таъсирбахш ба механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ таҳқиқ гардида, тариқи расм инъикос шудааст, аммо бисёр хуб мебуд, агар онҳо шарҳ дода мешуданд;
2. Муаллиф дар боби дуюм таҳлили қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додааст, аммо бисёр хуб мебуд, масъалаи субсидияҳои ҷумҳуривиро низ дар ин қисмат ҷой мекард.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи «Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Д.и.и., профессор,**
**муовини ректор оид ба илм**
**ва инноватсияи ДДҲБСТ** **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр. 17, бинои 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
тел.:+992 (3422)23811, моб.:+992 92 773 46 46,
почтаи электронӣ: bobojonovd@rambler.ru

ДДҲБСТ
имзои Бобоҷониён Д.Д.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Ҳ.